# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ). – Душанбе, 2025.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола. Рисолаи номзадии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло ба таҳлили таърихи ноҳияи Қубодиён дар асрҳои XX – XXI, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ аҳаммияти калон дорад, бахшида шудааст. Мавзуъ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён, инчунин вазъи сиёсии он дар давраи тоинкилобӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ тадқиқ карда мешавад.

Дар боби якуми диссертатсия **“Бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX”**, ки аз ду зербоб иборат аст, муаллиф давраҳои ташаккул ва тағйироти маъмурӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ноҳияи Қубодиёнро дар се давраи таърихӣ: тоинқилобӣ, бахусус ҳамчун бекигарӣ дар ҳайати аморати Бухороро бо истифодаи сарчашмаҳои муътамад ва адабиёти илмӣ таҳқиқ намудааст.

Боби дуюм – **“Барпошавии ҳокимияти шуравӣ, дигаргунсозиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 20-40-уми асри XX”** номгузорӣ гардида, дар доираи ду зербоб роҷеъ ба вазъи сиёсию маъмурӣ, ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, барқароршавии ҳокимияти шуравӣ дар Қубодиён дар солҳои 20-уми асри XX, таҳаввулоти солҳои 30-юм, бахусус коллективонии хоҷагии қишлоқ ва милликунонии замин, инқилоби фарҳнгӣ ва раванди амалигардии он дар шароити минтақа ва саҳми аҳолӣ дар солҳои ҷангӣ татбиқ гардидааст.

**Диссертант дар боби сеюми рисола, таҳти унвони “Ноҳияи Қубодиён дар нимаи дуюми асри XX” иборат** аз ду зербоб, бо истифодаи адабиёти илмӣ раванди азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ, рӯ ба тараққиёт овардани хоҷагии халқ, тадриҷан беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии халқ, рушди мактабу маориф ва фарҳанги ноҳияи Қубодиёнро тавассути истифодаи услубҳои илмии таҳқиқоти мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаи зарурии илмӣ баровардааст.

Боби чоруми **диссертатсия “Ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолӣ”** аз се зербоб иборат аст. Диссертант бо таҳлили адабиёти фаровони илмӣ, бо далелу асоснок раванди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, муташанниҷ гардидан ва ба эътидол омадани авзои сиёсӣ, пешрафти минбаъдаи самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиёнро ба таҳлили илмӣ кашидааст, натиҷаи онро аз нигоҳи илмӣ тавассути сиёсати созандагии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври илмӣ исбот намудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло ба талабот ва меъёрҳои муайяншуда омода гардида, маротибаи аввал ҳамчун мавзуи мубрам объекти таҳқиқот дар таърихнигории тоҷик интихоб гардидааст.

Автореферати диссертатсияи номзадии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи **«Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ,
н.и.т., дотсент Шарафзода Э.У.

Имзои Шарафзода Э.У. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ

**Суроға:** 734042 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, бинои 10А,
ҳуҷраи 412 хиёбони академик Раҷабовҳо, 10,
Тел: (+992 37) 221-35-11, 21-36-87, 227-38-91
Факс: +992 (372) 23-02-46
Email: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj

«24» «12» соли 2025